«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара д.и.п.
____________Шоҳиён Н. Н.
«25» 10 с.2022.

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психология Садирова Ҷамила Шарифовна «Бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълим дар тайёр намудани омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Роҳбари илмӣ - Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Садирова Ҷамила Шарифовна 06-уми октябри соли 1983 дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2009 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар) – ро аз рӯи ихтисоси педагогика ва психология бо Квотаи Призидентӣ хатм намудааст.

Садирова Ҷ. Ш. фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2009 ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар мактаби миёнаи №4-и н. Данғара оғоз намудааст. Аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори фанни педагогика ва психология дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар кафедраи педагогика ва психология фаъолият карда истодааст.

Садирова Ҷамила Шарифовна солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиш аз 07.01.2019, №Ф05/002-19) фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм “5”(аъло) – 26.12.2020.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) “4” (хуб) – 24.04.2021.

- Ихтисос: - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот “5” (аъло) – 17.11.2022.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 04.01.2023, №752 додааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима гардида, барои баррасӣ ба шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи кафедра аз 26.09. 2022, №8).

Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара таҳқиқоти диссертатсионии Садирова Ҷамила Шарифовнаро бо иштироки муқарризони расмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ Наимов З., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент иҷрокунандаи вазифаи професор омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Мирзоев А., котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ мудири кафедраи педагогика ва психологя Донишгоҳи давлатии Данғара Набиев Ҷ. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Садирова Ҷ.Ш. оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастоварда мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методии дар заминаи таҳқиқот коркардаашро ба самъи иштирокчиёни ҷаласа ироа кард ва ба саволҳои манзуркардаи иштирокчиёни ҷаласа ҷавобҳои мушаххас дод.

Номзади илмҳои педагогӣ Наимов З. аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия раванди таълимии донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои омӯзгорӣ мебошад ва раванди таълим, самаранок ҷорӣ намудани технологияи бозиро бо тайёрии мақсадноки хатмкунандагон дар донишгоҳҳои педагогӣ, бо ташаккули салоҳияти бозии онҳо алоқаманд намудааст.

Инчунин, Наимов З дар хусуси навгонии илмии диссертатсияи унвонҷӯ қайд намуд, ки дар педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шавқмандӣ нисбат ба истифодаи технологияи бозӣ дар раванди таълими хонандагон ва омодасозии омӯзгорони оянда дида мешавад. Новобаста аз он ки таҳқиқоти ҷиддие пешниҳод гаштааст, имконияти ташаккули салоҳияти бозии алоҳида ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Ин ҷо набудани таҳқиқоти илмӣ, дастурҳо оид ба омодасозии омӯзгорони оянда дар

истифодаи технологияи бозӣ дар раванди омӯзиши фанҳои психология ва педагогика эҳсос карда мешавад.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан, таҳия ва дар амал санҷидани модели таълими самараноки хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои расмӣ мебошад. Дар ҷомеаи муосир эҳтиёҷ ба шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфта, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва касбӣ фаъол, масъулиятшинос, омӯзгоре, ки ба ҷустуҷӯи эҷодӣ дошта, ки ба дигаргуниҳои инноватсионии омода аст, меафзояд.

Татбиқи воқеии идеяи инсондӯстонаи таълим дар ҳаёти ҳаррӯзаи муассисаҳои таълимӣ асосан аз салоҳиятнокии хатмкунандагони имрӯзаи донишгоҳҳои омӯзгорӣ муайян карда мешавад.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад Наимов З. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯро ба инобат гирифта, онро ба ҳимоя пешниҳод менам о яд.

Муқаррризи холиси дигар - номзади илмҳои педагогӣ дотсент иҷрокунандаи професр Мирзоев А. қайд намуд, ки Стандартҳои фаннӣ имрӯз пурра ба талаботи таълимӣ ҷавоб гуфта наметавонад ва зарурати ҷустуҷӯи метод, усулҳои нави таълим дар ҷаҳони иттилоотии имрӯза масъалаи мубрами муассисаҳои касбии олии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Дар назарияи педагогии муосир масъалаҳое, ки ба воситаҳои ташаккул ва инкишофи сифатҳои муҳими касбии донишҷӯ алоқаманд мебошад, хеле муҳим буда, барои ҳалли онҳо зарурияти таҳқиқи инноватсионии тарзу усулҳои муосири таълим ва тарбияи насли наврасро тақозо менамояд.

Яке аз ин усулҳо усули инноватсионӣ ё истифодаи технологияи бозӣ мебошад, ки солҳои охир дар атрофи он баҳсу муҳокимаҳои зиёде ҷой доранд. Имрӯз собит гаштааст, ки истифодаи бозӣ хусусиятҳои таълимӣ, тарбиявӣ, инкишофдиҳанда, ислоҳӣ, психотерапевтиро доро буда, ба раванди таълим таъсири амиқ гузошта, дар ҳалли вазифаҳои педагогӣ накши боризро иҷро менамояд.

Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти онро нишон додааст.

Таҳқиқоти илмии Садирова Ҷамила Шарифовна имкон медиҳад, ки дар шароити имрӯза зарурати ташаккули салоҳияти касбии

донишҷӯён, омӯзгорони оянда, ки дар худ дониш, маҳорат, малака оид ба фанҳои алоҳидаро дар бар мегиранд, ба миён омадааст. Омӯзгор, ғайр аз салоҳияти касбӣ, бояд сифатҳои муҳими касбӣ, ба монанди некукорӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамдардӣ, худидоракунӣ, қобилияти худинкишофдиҳӣ, мустақилиятро дошта бошад. Ҳамаи ин вазифаҳои муассисаҳои касбии олӣ мебошанд, ки барои омодасозии омӯзгорони оянда масъул мебошанд.

Муқарриз Мирзоев А. ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони ҳамаи фанҳои таълимии муассисаҳои таълимии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи Садирова Ҷ. барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири Китобхонаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Наимов З., номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Мирзоев А. ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи шурои илмӣ хулоса кард.

Диссертатсияи номзадии Садирова Ҷамила мубрам дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонад дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва методҳои нави таҳқиқотии таълим мусоидат намояд. Аҳамияти амалии таҳқиқот инчунин дар он аст, ки методологияи омӯзиши бозиҳои расмӣ, инчунин модели муаллифии омодасозии донишҷӯён ба истифодаи самараноки технологияи бозиҳои расмӣ метавонад бо як тағйироти муайян ба раванди самаранокии баланд бардоштани сифати таълим дар мӯассисащои тащсилоти ӯмӯмь, донишгоҳу донишкадаҳои педагогӣ, коллеҷҳо, донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, дар раванди кори омӯзгорӣ ба омӯзгорон ва омода намудани курсҳои махсус аз фанҳои педагогика, омода кардани курси лексияҳо воситаҳои таълим, дастурҳои таълимиву методӣ самаранок истифода карда шавад. Он дар самти тарбияи кӯдак ва самаранок намудани раванди таълим муҳим ва зарур ҳисобида мешавад. Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла,

- салоҳиятҳои омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ оид ба истифодаи технологияи бозиҳои расмӣ ташаккулёфта ба ҳисоб меравад, зеро сатҳи инкишофи салоҳиятҳои омӯзгорони оянда оид ба бозиҳо:

паст (меъёрӣ-репродуктивӣ), миёна (вазъӣ-ҷустуҷӯӣ), баланд (эҷодкорӣ) асоснок карда шудааст;

- мафҳуми «бозиҳои расмӣ» - хусусияти интегративии касбӣ ва шахсии омӯзгор, аз ҷумла, фаҳмиш, амалиётӣ ва фаъолият, эҳсосӣ ва арзишӣ, шахсӣ муайян карда шудааст;

- мафҳуми «технологияи бозиҳои расмӣ» дар ҷанбаи омодагии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ равшан карда шудааст: технологияи бозиҳои расмӣ ҳамчун касбият нигаронидашуда, инсонпарварӣ, интерактивӣ, аз ҷумла, ҳадаф, алгоритми ташкилӣ, натиҷа ба ҳисоб мераванд;

- усули марҳила ба марҳила (пропедевтикӣ, асосӣ, ниҳоӣ (интегратсия)) таълими омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ барои истифодаи самараноки технологияи бозиҳои расмӣ тавсиф карда шудааст;

- модели (мақсад, мундариҷа, сохтор, технология, меъёр ва натиҷа) барои омода кардани донишҷӯён ба истифодаи бозиҳои расмӣ дар раванди самаранокии баланд бардоштани сифати таълим пешбинӣ шудааст;

- мазмун ва технологияи омӯзиши бозиҳои расмӣ таҳия карда шуданд.

- омӯзиши педагогӣ-психологии истифодаи технологияи бозӣ, аз ҷумла, бозиҳои расмӣ дар раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони оянда анҷом дода шуд;

- роҳҳо, принсипҳо, методҳо ва технологияи истифодаи бозиҳои расмӣ дар раванди таълим пешниҳод гардид.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи шурои илмӣ-методӣ

қ а р о р   к а р д:

1. Диссертатсияи илмии Садирова Ҷамила Шарифовна дар мавзӯи “Бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Садирова Ҷамила Шарифовна дар мавзӯи “Бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ба талабот ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи

педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ба Шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Садирова Ҷамила Шарифовна дар мавзӯи “Бозиҳои расмӣ ҳамчун омили самаранокии баланд бардоштани сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-022-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара аз 25.10.2022, протоколи №12 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 15 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
декани факултети педагогикаи
инноватсионӣ ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Д.Ҷ.

**Муқарризон:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
Донишгоҳи давлатии Омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Наимов З.Ҷ.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Мирзоев А.

Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Набиев Ҷ.Ғ.

Имзои Д.Ғафурова , Ф. Наимов, А.Мирзоев ва Ҷ. Набиевро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н.Ҷ.